# Мизи мудаввар дар мавзуи «Истиқлол ва рушди забони давлатӣ» бахшида ба 31-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Submitted by Ҳайати тадорукот on 8 September, 2022 - 11:17
[1]

Рӯзи 8-уми сентябри соли 2022 дар толори Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 31-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар дар мавзуи «Истиқлол ва рушди забони давлатӣ» таҳти раёсати муовини раиси

Кумита Раҳматуллозода С. Р. баргузор гардид.

Муовини раиси Кумита Раҳматуллозода С. Р. чорабинии мазкурро оғоз намуда, ҳозиринро ба муносибати ҷашни бузург ва муқаддаси 31- солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раиси Кумита табрику муборакбодӣ намуда, қайд карданд, ки дар замони Истиқлоли давлатӣ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи илму маориф, забон ва фарҳанг диққати махсус зоҳир менамоянд, ки аз ҳадафҳои пайгирона ва дурбинонаи сарвари давлат шаҳодат медиҳад.

Лозим ба таъкид аст, ки имрӯз Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳти сарварии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо шарофати меҳнати содиқонаи мардуми кишвар ба давраи сифатан нави рушди иҷтимоию фарҳангии худ ворид гардида, дар таҳкими минбаъдаи рукнҳои давлатдорӣ, раванди созандагию бунёдкорӣ ва тарбияи насли солиму ояндасоз қадамҳои устувор гузошта истодааст.

Дар рафти мизи мудаввар омӯзгори факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ Мансурӣ Шодмон дар мавзуи “Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба забони давлатӣ дар 31 соли Истиқлоли давлатӣ” ва сармутахассиси шуъбаи танзими истилоҳоти Кумита Солеҳов Назриддин дар мавзуи “Заминаҳои устувори Истиқлол ва рушди забони давлатӣ” маъруза намуданд.

Ҳамзамон, дар рафти чорабинӣ сардори шуъбаи ташкилию ҳуқуқии Кумита Сафаров Э. ва мудири бахши умумӣ ва кор бо кадрҳои Кумита Абдуллоев Ш. суханронӣ намуданд.

Чорабинии мазкурро С. Раҳматуллозода ҷамъбаст намуда, бори дигар аз дастовардҳои даврони Истиқлол дар соҳаҳои гуногун ёдовар шуда, нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллатро дар пешравии кори забон бузург ва беҳамто арзёбӣ намуда, барои ҳама сарбаландию сарфарозӣ таманно кард.

**Content rating:** 5

Average: 5 (6 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]
- Конференсияҳо [3]

-

- 

- 

-

- 

- 

•

-

-

**Source URL:**http://www.istilohot.tj/en/node/6870?mini=2025-07

**Links**
[1] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/field/image/DSC02161.JPG [2] http://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3] http://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/30 [4] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02149.JPG [5] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02150.JPG [6] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02151.JPG [7] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02154.JPG [8] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02155.JPG [9] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02156.JPG [10] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02157.JPG [11] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02158.JPG [12] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02161.JPG [13] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02162.JPG [14] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02165.JPG [15] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02166.JPG